| | |
|---|---|
| | **«Тасдиқ шудааст»**<br>аз тарафи Шӯрои нозирони<br>ҶСК “Бонки Эсхата”<br>Пайнавишти<br>№02/2026 аз 05-06.02.2026 |

# СИЁСАТ С-024:2026

оид ба муқовимат ба коррупсия
дар ҶСК «Бонки Эсхата»
(Таҳрири 03)

**Мавриди амал аз 01.03.2026**

**МУНДАРИҶА**

1 Муқаррароти умумӣ ……………………………….................……………………... 3

2 Принсипҳои асосии муқовимат ба коррупсия ……….............……………………….. 3

3 Истилоҳҳо ва шарҳҳо ……………………………............................……………… 4

4 Амалҳои коррупсионӣ………………….............................………………………… 5

5 Чораҳо оид ба муқовимат ба коррупсия………..................………………..………… 5

6 Баҳодиҳии хавҳои коррупсионӣ……….…………................................……………... 6

7 Ташкили хати махфии комплаенс…………………......................……………………..6

8 Чораҳои зиддикоррупсионӣ дар чараёни ҳамкори бо контрагентон...........................….7

9 Қоидаҳои умумии корбарӣ бо тӯҳфаҳо.....................................…........................….......7

10 Фаолияти хайрияви ва сарпарастӣ.........…………………………..........................……...8

11 Ваизфаҳо ва масъулияти иштирокчиени низоми муқовимат ба коррупсия........………8

12 Масъулият...........................................................…………….......................………10

13 Муқаррароти хотимавӣ…........……………………………........................……………11

# 1. Муқаррароти умумӣ

1.1 Сиёсати мазкур оид ба муқовимат ба коррупсия дар ҶСК "Бонки Эсхата" (минбаъд – Сиёсат) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои меъерии дохилии ҶСК "Бонки Эсхата" (минбаъд – Бонк) таҳия шудааст.

1.2 Мақсади Сиесат тақвияти назорат оид ба пешгирӣ, ошкор кардани коррупсия, инчунин ташаккули принсипи таҳаммулнопазирии сифрӣ ба зуҳуроти коррупсионӣ дар Бонк мебошад.

1.3 Вазифаи Сиёсат ташаккули фарҳанги кормандони Бонк мебошад, ки риояи принсипҳои ростқавлӣ ва шаффофиятро ҳангоми иҷрои вазифаҳои мансабӣ/функсионалӣ, таҳаммулнопазирӣ ба коррупсия таъмин менамояд.

1.4 Ҳамаи кормандони Бонк бояд ин Сиесатро роҳнамоӣ кунанд ва принсипҳо ва талаботҳои онро ба таври қатъӣ риоя кунанд.

# 2. Принсипҳои асосии муқовимат ба коррупсия

2.1 Принсипҳои асосии муқовимат ба коррупсия дар Бонк ин:

2.2.1. **таҳаммулнопазирии сифрӣ** ба ҳама гуна зуҳуроти коррупсия Бонк принсипи пурра рад кардани коррупсияро дар ҳама гуна шакл ва зуҳурот ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти худ риоя мекунад. Принсипи таҳаммулнопазирии сифрӣ ба ҳама гуна зуҳуроти коррупсия маънои онро дорад, ки манъи қатъӣ барои мансабдорон ва кормандони Бонк, ки аз номи Бонк е ба манфиати он амал мекунанд, бевосита е бавосита, шахсан е тавассути ягон миенаравӣ иштирок дар амалҳои коррупсионӣ;

2.2.2. **ногузирии ҷазо** - Бонк талаб мекунад, ки кормандони Бонк новобаста аз вазифа, собиқаи корӣ ва дигар шартҳо дар сурати содир намудани амалҳои коррупсионӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ ҷазо дода шаванд;

2.2.3. **иштироки фаъолонаи кормандон** – Бонк иштироки фаъоли кормандонро дар ташаккул ва татбиқи чораҳои зиддикоррупсионӣ қадр менамояд;

2.2.4. **эҳтиёткории лозима** – Бонк пеш аз қабули қарор оид ба оғоз ё идомаи муносибатҳои корӣ/тиҷоратӣ, кормандон ва шахсони сеюмро оид ба боэътимодӣ, рад намудани коррупсия ва набудани бархӯрди манфиатҳо месанҷад;

2.2. Бонк барои иҷрои амалҳое, ки хилофи принсипҳо ва талаботи Сиесати мазкур ва меъерҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба коррупсия мебошанд, шарикон е шахсони дигарро ҷалб намекунад ва истифода намебарад.

2.3 Ба кормандони Бонк бевосита е бавосита, шахсан ё тавассути миенаравии шахсони сеюм, хешовандони наздик, иштирок дар амалҳои коррупсионӣ, пешниҳод, додани пора, сӯиистифода аз мансаб бо мақсади осон кардани расмиети маъмурӣ ва дигар, ё бо мақсади ба даст овардани фоида дар шакли пул, арзишҳо, дигар молу мулк е хизматрасонӣ/неъматҳои хусусияти молу мулкӣ/ғайримолумулкӣ, дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ барои худ ва/ ё барои хешовандони наздик, шахсони сеюм қатъиян манъ аст.

# 3. Истилоҳҳо ва шарҳҳо

**Бонк -** ҶСК «Бонки Эсхата»;

**Фаъолияти хайриявӣ -** фаъолияти ихтиёрии Бонк оид ба беғарзона (бепул ё бо шартҳои имтиёзнок) ба шахсони воқеи ё ҳуқуқӣ додани амвол, аз ҷумла, маблағҳои пулӣ, беғаразона иҷро намудани кор, пешниҳод намудани хизматрасонӣ ва расонидани дигар кӯмакҳо.

**Ришва / ришвагирӣ -** пешниҳод, ваъда, додан, қабул ё талаб кардани бартарии номатлуб аз ҳама гуна арзиш (он метавонад молӣ ё ғайримолиявӣ бошад), мустақим ё ғайримустақим ва новобаста аз маҳалли ҷойгиршавӣ, бар хилофи қонунгузории амалкунанда, ҳамчун ҳавасмандкунӣ ё мукофот ба корманди Бонк, ки нисбат ба иҷрои вазифаҳои ин шахс амал мекунад ё худдорӣ мекунад;

**ҲМД -** ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии Бонк, ки аз ҷониби Раёсат, Шӯрои нозирони Бонк ё дигар мақоми ваколатдори Бонк тасдиқ шудаанд, ки қоидаҳо, тартиб, принсипҳои умумӣ, хусусиятҳои пешбурди намудҳои гуногуни фаъолияти Бонк, аз ҷумла, фаъолиятеро, ки ба фаъолияти бонкӣ алоқаманд нестанд, муқаррар мекунанд;

**Хати махфии комплаенс -** каналҳои иттилоотии махфӣ, ки барои пешниҳоди маълумот аз ҷониби кормандони Бонк ва дигар Тарафҳои сеюм, аз ҷумла, аз ҷониби мизоҷон ва контрагентон, дар бораи мақсад ё далелҳои содир намудани амалҳои коррупсионӣ нисбат ба Бонк ва/ё кормандони он, мизоҷон, контрагентон пешбинӣ шудаанд, ки имкон медиҳанд, ки маълумот, аз ҷумла, ба таври анонимӣ расонида шавад;

**Ташкилоти фаръӣ -** шахси ҳуқуқӣ, аз ҷумла, бонки фаръӣ, ки таҳти назорати Бонк қарор дорад;

**Мизоҷ -** шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки бевосита ё ба воситаи намоянда тибқи қонунгузорӣ аз хизматрасонии бонкӣ истифода мебарад;

**Контрагент -** тарафи беруна, ки Бонк бо он муносибатҳои корӣ дорад ё ба роҳ мондани онҳо нақша дорад, яъне: шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ ё шахси воқеӣ (пудратчӣ, мушовир, таъмингар ва ғайра), бо бастани шартнома/аҳдҳои хусусияти ҳуқуқӣ граждандошта ё дигар бо Бонк ё ташкилотҳои фаръии он ё бо тартиби дигаре, ки қонун муқаррар кардааст, бо Бонк ё ташкилотҳои фаръии он ба лоиҳаҳои муштарак ҷалб карда мешавад;

**Бархӯрди манфиатҳо** – вазъияте, ки дар он манфиати шахсии корманди Бонк метавонад ба раванди қабули қарорҳо таъсир расонад, ки метавонад ба корманд, наздикони ӯ нафъи шахсӣ ва бар зарари манфиатҳои Бонк расонад;

**Хавфи коррупсионӣ** – имконияти содир намудани ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ аз ҷониби корманди Бонк, инчунин аз ҷониби Тарафҳо сеюм аз ном ё ба манфиати Бонк;

**БМТ** – Бонки миллии Тоҷикистон;

**Воҳиди сохторӣ -** воҳидҳои сохтории Бонк ва ташкилотҳои фаръии он, аз ҷумла, филиалҳо, ки вазифаҳои ба роҳ мондани муносибат бо контрагентро иҷро мекунанд;

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Низоми муқовимат ба коррупсия** – маҷмӯи унсурҳои ба ҳам алоқаманд ё мутақобилаи Бонк, ки барои таҳияи санадҳои меъёрии дохилии мустақим ё ғайримустақим дар самти мубориза бо коррупсия, ҳадафҳои паст кардани сатҳи коррупсия дар Бонк, инчунин равандҳои ноил шудан ба ин ҳадафҳо нигаронида шудааст;

**Тарафи сеюм** – ҳама гуна шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, инчунин намояндагон ва кормандони чунин шахси ҳуқуқӣ, ки дар фаъолияти худ аз Бонк мустақиланд.

## 4. Амалҳои коррупсионӣ

4.1 Амалҳои дар банди 4.2 зикршуда, ки нисбати Бонк, аз номи Бонк е ба манфиати он, бевосита е бавосита, шахсан е тавассути миенаравҳо, новобаста аз шакл ва ҳадаф содир шудаанд, коррупсионӣ эътироф карда мешаванд.

4.2 Ба амалҳои коррупсионӣ дохил мешаванд:

4.2.1 Додан ё гирифтани пора, аз ҷумла миёнаравӣ барои иҷрои нодурусти вазифаҳо ё додани бартариҳои беасос ба манфиати бахшанда;

4.2.2 Ришвадиҳии тиҷоратӣ, яъне ғайриқонунӣ додани маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк ба шахсе, ки дар Бонк вазифаҳои хизматӣ ва функсионалии худро анҷом медиҳад, пешниҳоди хизматрасонии хусусияти молумулкидошта ба ӯ, барои содир намудани амал/беамалӣ ба манфиати диҳанда вобаста ба вазифаи ишғолнамудаи ин шахс;

4.2.3 Ришвадиҳӣ ба хизматчиёни давлатӣ, яъне ба хизматчии давлатӣ пешниҳод намудан ё ваъда додан барои пешниҳод намудани фоида/манфиати молиявӣ ва дигар бо мақсади таъсир расонидан ба иҷрои уҳдадориҳои хизматии ӯ;

4.2.4 Аз ҷониби аъзоёни мақомоти идоракунӣ, кормандони Бонк барои худ ё ба манфиати шахсони сеюм истифода бурдани имкониятҳои вобаста бо мавқеи хизматӣ ва/ё ваколатҳои хизматӣ барои ба даст овардани манфиатҳо/фоидаҳои молиявӣ ё дигаре, ки қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон ва/ё ҲМД –и Бонк пешбинӣ накардааст;

4.2.5 Пешниҳоди фоидаҳо/афзалиятҳо бар ивази фоидаҳо/афзалиятҳо аз ҷониби як шахс ба шахси дигар, ҳатто агар чунин мубодила байни кормандони Бонк сурат гирифта бошад ва хилофи анъанаҳои мақбули умум набошад;

4.2.6 Додани афзалият ба шахсони сеюм ё корманди Бонк дар асоси алоқаҳои хешутаборӣ ё муносибатҳои дӯстона, агар додани ин афзалият боиси вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ, Сиёсати мазкур ва дигар ҲМД-и Бонк гардад;

4.2.7 Дигар ҳолатҳои ғайриқонунӣ истифода бурдани мақоми хизматии худ, ки хилофи манфиатҳои қонунии Бонк, ҷомеа, ҶТ бо мақсади ба даст овардани фоидаҳо/манфиатҳои молиявӣ ё дигар.

4.3 Ба кормандони Бонк иҷрои ҳама гуна амалҳои дар банди 4.2.-и Сиёсати мазкур зикргардида манъ аст.

4.4 Кормандони Бонк бояд қонунҳои зидди коррупсияро, ки нисбати Бонк татбиқ мешаванд, риоя кунанд.

## 5. Чораҳо оид ба муқовимат ба коррупсия

5.1 Ҳамаи кормандони Бонк талаботи ин Сиёсатро қатъиян риоя мекунанд. Барои ҳамаи кормандони Бонк принсипи таҳаммулнопазирии сифрӣ ба коррупсия дар ҳама гуна шакл ва зуҳуроти он ҳангоми иҷрои фаъолияти ҷорӣ ва лоиҳавӣ муқаррар карда шудааст.

5.2 Бонк ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти худ оид ба пешгирии коррупсия, аз ҷумла кам кардани сабабҳо ва шароитҳое, ки ба содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ мусоидат мекунанд, чораҳои зеринро меандешад:

5.2.1 муқаррар намудани механизмҳои ташкилию ҳуқуқӣ, расмиёти қабули қарорҳо;

5.2.2 риояи принсипҳои рақобати софдилона;

5.2.3 қабул ва риояи меъерҳои этикаи корпоративӣ ва тиҷоратӣ;

5.2.4 андешидани чораҳо оид ба ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ барои ҳифз ва таҳкими низоми арзишҳое, ки таҳаммулнопазирии коррупсияро инъикос мекунанд, ки тавассути маҷмӯи тадбирҳои дорои хусусияти таълимӣ, иттилоотӣ ва ташкилӣ амалӣ карда мешаванд:

5.2.5 пешгирӣ ва ҳалли бархӯрди манфиатҳо. Ҳамаи Кормандони Бонк вазифадоранд, ки барои пешгирӣ ва ҳалли бархӯрди манфиатҳо чораҳо андешанд.

5.3 Тартиботи мушаххас дар самтҳои алоҳида, аз ҷумла ошкорсозӣ, муайян кардан ва идоракунии бархӯрди манфиатҳо, тартиби пешниҳод ва гирифтани тӯҳфаҳо, фаъолияти хайрия ва сарпарастии Бонк, тафтиши контрагентҳо, огоҳиномаҳо дар бораи қонуншиканиҳо ва гузаронидани тафтишоти хидматӣ бо ҳуҷҷатҳои алоҳидаи меъерии дохилии Бонк танзим карда мешаванд.

## 6. Баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ

6.1 Баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ дар Бонк мумкин аст нисбат ба ҳамаи соҳаҳои фаъолият на дар як вақт гузаронида шавад, балки пай дар пай дар робита бо равандҳои алоҳида амалӣ карда шавад.

6.2 Хавфи коррупсионӣ метавонад дар ҷараёни амалисозии қариб тамоми равандҳо ҳам вобаста ба амали кормандони Бонк ва ҳам дар робита бо амали муштариёни Бонк, шарикон, контрагентҳо ва ғайраҳо падид ояд.

6.3 Баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ дар Бонк на камтар аз як маротиба дар як сол барои равандҳои дар Сиёсати мазкур муайяншуда, ки дорои хавфи баланди коррупсионӣ мебошанд, барои равандҳои дигар бошад на камтар аз як маротиба дар се сол, гузаронида мешавад.

6.4 Ҳангоми баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ аз ҷониби кормандони масъули пешгирии коррупсия дар Бонк бартариҳо мустақилияти онҳо аз соҳибони равандҳои, ки ба онҳо баҳо дода мешавад ва дар натиҷа, набудани манфиати шахсӣ барои пинҳон кардани мушкилоти эҳтимолӣ, инчунин салоҳияти аз ин гуна кормандон барои муайян кардани аломатҳои кирдорҳои коррупсионӣ.

6.5 Тартиби муайян кардани хавфҳо, тартиби таҳлил, баҳодиҳӣ ва афзалиятнокии хавфҳои коррупсионӣ дар санадҳои меъёрии дохилии Бонк муайян карда мешавад.

6.6 Маълумоти ҳуҷҷатӣ оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ бояд дар давоми на камтар аз панҷ сол аз рӯзи баҳодиҳӣ дар Бонк нигоҳ дошта шавад. Департаменти комплаенс-хавф барои нигоҳ доштани маълумоти ҳуҷҷатшуда оид ба баҳодиҳии хавфҳои коррупсионӣ масъул аст.

## 7. Ташкили Хати махфии комплаенс

7.1 Барои таъмини муоширати дохилӣ ва берунӣ оид ба сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Бонк Хати махфии комплаенс ташкил карда мешавад, ҳам барои мизоҷон, шарикон, контрагентҳо ва Шахсони сеюм, ҳам барои кормандони Бонк.

7.2 Ҳангоми пайдо шудани маълумот ё ба вуҷуд омадани шубҳаҳо дар бораи эҳтимоли амали коррупсионӣ ё беамалӣ, инчунин дар ҳолати ошкор шудани хатарҳои коррупсионӣ ё далелҳои заифшавии Низоми зиддикоррупсионӣ, зарур аст, ки ин маълумот ба Департаменти комплаенс-хавфи Бонк тавассути яке аз Хатҳои махфии комплаенс расонида шавад.

7.3 Дар асоси натиҷаҳои арзёбии ибтидоии иттилоот қарор оид ба гузаронидани тафтиш ё санҷиши хизматӣ тибқи ҳуҷҷатҳои меъерии дохилии Бонк, ки тартиби гузаронидани тафтишоти хизматиро бо иштироки воҳидҳои сохтории дахлдори Бонк танзим мекунанд, қабул карда мешавад.

## 8. Чораҳои зиддикоррупсионӣ дар чараёни ҳамкорӣ бо контрагентон

8.1 Талаботҳои Сиёсати мазкур ҳангоми муқаррар намудани муносибатҳои шартномавӣ ва дигар муносибатҳои тиҷоратии Бонк бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба назар гирифта мешаванд.

8.2 Бонк аз контрагентон, намояндагони Бонк, аъзоёни мақомоти идоракунӣ ва кормандон интизор аст, ки уҳдадориҳои дахлдори зиддикоррупсиониро, ки дар Сиёсати мазкур тавсиф шудаанд, риоя кунанд.

8.3 Бонк барои дар шароити баамаломада ба ҳадди ақал расонидани хавфи вайрон кардани қоидаҳои зиддикоррупсионӣ ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои корӣ, кӯшишҳои оқилона ва дастарс ба харҷ медиҳад. Вобаста ба ин, Бонк:

8.1.1 Эътибори кории контрагентҳои эҳтимолиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи Бонк тафтиш мекунад;

8.1.2 Ба контрагентони эҳтимолӣ оид ба принсипҳо ва талаботи Бонк дар соҳаи муқовимат ба коррупсия, ки дар Сиёсати мазкур муқаррар шудааст, аз ҷумла, тавассути ворид намудани тавзеҳот ба шартномаҳое, ки Бонк бо шахсони мазкур мебандад, маълумот медиҳад.

8.1.3 Муносибатҳоро бо мизоҷ, контрагент, шарики тиҷоратӣ ва дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми ошкор намудани коррупсия аз ҷониби ӯ, қатъ мекунад.

8.1.4 Бо мақсади ташаккул ва нигоҳ доштани маданияти муносибати касбӣ, оқилона ва масъулиятноки кормандони Бонк ба гузаронидани тендерҳо ва тадқиқоти бозорӣ, дар Бонк ҲМД таҳия карда шуда, амал мекунад, ки тартиби хариди мол, кор ва хизматрасониро танзим мекунад.

## 9. Қоидаҳои умумии корбарӣ бо тӯҳфаҳо

9.1 Дар Бонк вазифаҳо, қоидаҳо ва маҳдудиятҳои асосии танзимкунанда дар соҳаи қабул/додани тӯҳфаҳо ва хизматрасонӣ дар раванди муошири корӣ вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ аз ҷониби кормандон ва роҳбарияти Бонк муайян карда шудаанд, ки рӯйхатҳо ва меъёрҳои иҷозатдодашуда ва иҷозатдоданашудаи тӯҳфаҳо, инчунин, сабабҳои қабул/додани онро дар бар мегиранд.

9.2 Ҳама гуна тӯҳфаҳои иҷозатдоданашуда бояд дар вақти додани онҳо рад /баргардонида шаванд.

9.3 Дар ҳеҷ вачҳ додан/гирифтани тӯҳфаҳо набояд мукофоти пинҳонӣ бошад, ки метавонад ба обрӯи корманд/мақомоти идоракунӣ/ дар маҷмӯъ Бонк таъсири манфӣ расонад.

9.4 Туҳфаҳо ба аъзоёни оила, хешовандон ё дигар шахсони наздики корманди Бонк, ки вобаста ба иҷрои ҳама гуна амали (беамалии) аз ҷониби чунин корманд вобаста ба вазифаҳои функсионалӣ ва хизматии ӯ дар Бонк додашуда, иҷозат дода намешавад.

9.5 Қоидаҳои муфассали коркарди туҳфаҳо ва маҳдудиятҳо дар ҲМД, ки аз ҷониби Раёсати Бонк бо мақсади таҳияи принсипҳо ва муқарраротӣ Сиёсати мазкур тасдиқ карда шудаанд, муайян карда мешаванд.

## 10. Фаолияти хайрияви ва сарпарастӣ

10.1 Бонк мутобиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилӣ (ҲМД), ки тартиби татбиқи чунин чорабиниҳоро танзим менамоянд, метавонад кӯмаки хайриявӣ расонад ва дар лоиҳаҳои сарпарастӣ иштирок кунад.

10.2. Кӯмаки хайриявӣ дар ҳолатҳои истисноӣ, ҳангоми мавҷуд будани дархостҳо ва ҳуҷҷатҳои асоснок аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, инчунин мутобиқи тавсияҳои мақомоти давлатӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон, аз ҷумла ҳангоми бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ ё ҳолатҳои фавқулода, пешниҳод карда мешавад.

10.3. Фаъолияти сарпарастӣ бо мақсади ташкил ва ё дастгирии чорабиниҳо, ки ба ба даст овардани имкониятҳои таблиғотӣ ва баланд бардоштани эътибори Бонк равона гардидаанд, амалӣ карда мешавад.

10.4. Қарор оид ба расонидани кӯмаки хайриявӣ ё иштирок дар лоиҳаи сарпарастӣ аз ҷониби Раёсати Бонк ё мақомоти ваколатдори коллегиалӣ қабул карда мешавад.

10.5. Ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти хайриявӣ ва сарпарастӣ Бонк чораҳои зарурӣ меандешад, то ки гирандагони кӯмак ва ташкилкунандагони лоиҳаҳо софдилона амал намуда, маблағҳои ҷудошударо барои ба даст овардани манфиатҳои шахсӣ истифода набаранд.

10.6. Тартиби муфассали амалӣ намудани фаъолияти хайриявӣ ва сарпарастӣ мутобиқи ҲМД дахлдори Бонк танзим карда мешавад.

## 11. Вазифаҳо ва масъулияти иштирокчиёни низоми муқовимат ба коррупсия

Бо мақсади таъмини фаъолияти самараноки низоми муқовимат ба коррупсия, инчунин риояи талаботи Сиёсати мазкур, тақсимоти вазифаҳо ва масъулиятҳо байни мақомотҳои идоракунии Бонк, воҳидҳои сохторӣ ва кормандон мутобиқи Ҷадвали 1 муайян карда мешавад.

Ҷадвали 1

| **Иштирокчӣ** | **Вазифаҳо ва масъулият** |
|---|---|
| Шӯрои нозирон | 1.1 *Н*азорати умумиро аз болои муқовимат ба коррупсия ва чораҳое, ки дар ин самт андешида мешаванд, амалӣ менамояд;<br>1.2 Ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии Бонкро дар соҳаи муқовимат ба коррупсия ва ахлоқи корпоративӣ тасдиқ менамояд; |
| Раёсат | 2.1 Принсипҳои муносибати оштинопазирро нисбат ба ҳама гуна шакл ва зуҳуроти коррупсия дар ҳама сатҳҳо амалӣ менамояд, аъзоёни Раёсат ҳамчун намунаи шахсии рафтори ахлоқӣ дар Бонк баромад мекунанд;<br>2.2 Ҳуҷҷатҳои меъерии дохилии Бонкро дар соҳаи муқовимат ба коррупсия дар доираи салоҳияти худ тасдиқ мекунад;<br>2.3 Назоратро оид ба риояи муқаррароти Сиёсат ба роҳ мемонад, аз ҷумла таъмини ҳалли самаранок ва фаврии масъалаҳо дар низоми мубориза бо коррупсия.<br>2.4 Барои ҷорӣ намудани Низоми мубориза бо коррупсия ва мувофиқияти он маъсул аст. |
| | 3.1 Ҳамкорӣ бо Департаменти комплаенс-хавфи Бонк оид ба ҳамаи масъалаҳои муқовимат ба коррупсия; |

| | |
|---|---|
| Кормандон | 3.2 Талаботи Сиёсати мазкурро бечуну чаро риоя менамоянд;<br>3.3 Ҳангоми дар хориҷа будан дар вақти иҷрои вазифаҳои функсионалии худ ё ҳангоми иҷрои фаъолияти худ аз номи Бонк, қонунгузории маҳаллии зиддикоррупсионии давлатҳои хориҷӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии муқовимат ба коррупсия, инчунин, талаботи Сиёсати мазкурро риоя менамоянд;<br>3.4 Аз иҷрои амалҳо ва қабули қарорҳое, ки метавонанд боиси ҷиноятҳои коррупсионӣ шаванд, худдорӣ мекунад;<br>3.5 Департаменти комплаенс-хавфро дар бораи ҳар як ҳолати маълум/эҳтимолӣ/ошкоршудаи вайрон кардани Сиёсати мазкур хабардор менамояд ва ин далелҳоро ба Хати махфии комплаенс хабар медиҳанд;<br>3.6 Ҳангоми мавҷуд будани шубҳа дар бораи қобили қабул будани амалҳо ё дигар масъалаҳои марбут ба муқаррароти Сиёсати мазкур, ба роҳбари бевосита ва/ё Департаменти комплаенс-хавф барои шарҳдиҳӣ муроҷиат мекунад. |
| Департаменти комплаенс -хавф | 4.1 Сиёсатро дар самти муковимат ба коррупсия, ки Шӯрои нозирони Бонк муқаррар кардааст, амалӣ менамояд;<br>4.2 Аз болои таҳия ва татбиқи Низоми муқовимат ба коррупсия назорат мебарад;<br>4.3 Ба такмили доимии Низоми муқовимат ба коррупсия мусоидат мекунад;<br>4.4 Ба кормандони Бонк оид ба Низоми муқовимат ба коррупсия ва Сиёсати мазкур омӯзиш мегузаронад;<br>4.5 Мувофиқати Низоми муқовимат ба коррупсия ва Сиёсати мазкурро ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи муқовимат ба коррупсия таъмин менамояд;<br>4.6 Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилии Бонкро дар соҳаи муқовимат ба коррупсия таҳия намуда, барои тасдиқ ба роҳбарияти Бонк пешниҳод менамояд;<br>4.7 Фаъолияти воҳидҳои сохтории Бонкро дар самти муқовимат ба коррупсия ҳамоҳанг месозад;<br>4.8 Корҳои таҳлилӣ ва мониторинги ҳолати муқовимат ба коррупсияро дар Бонк амалӣ намуда, натиҷаҳои онро ба роҳбарияти Бонк пешниҳод менамояд;<br>4.9 Вайронкуниҳои марбут ба коррупсияро ошкор ва тафтиш мекунад, ҷиҳати пешгирӣ, ошкор ва рафъи сабабҳо ва шароитҳое, ки сабаби ба вуҷуд омадани коррупсия мешаванд ва оқибатҳои вайронкуниҳои коррупсионӣ дар Бонк чораҳо меандешад; |

| | |
|---|---|
| | 4.10 Хавфҳои коррупсиониро дар сурати тағйироти назаррас дар сохтори ташкилӣ ё фаъолияти Бонк, инчунин ҷорӣ намудани маҳсулоти нави бонкӣ баҳогузорӣ менамояд;<br>4.11 Хусусияти амалиёт, лоиҳа, намуди фаъолият ё муносибатҳоро бо мақсади паст кардани хавфҳои коррупсионӣ тағйир медиҳад. Дар баробари ин, дар ҳолатҳое, ки ин тағйирот боиси талафоти калон мегардад, Департаменти комплаенс-хавф уҳдадор аст барои қабули қарор пешниҳоди худро ба таваҷҷӯҳи Раёсат ё Шӯрои нозирони Бонк расонад;<br>4.12 Ҳама амалҳои дигареро, ки мустақиман ё ғайримустақим аз талаботи Низоми муқовимат ба коррупсия ё Сиёсати мазкур бармеоянд, анҷом медиҳад.<br>4.13 Департаменти комплаенс-хавф ҳангоми иҷрои ваколатҳои дар Сиёсати мазкур муайяншуда воҳиди сохтории мустақил мебошад. Ҳама гуна дахолат ба фаъолияти Департаменти комплаенс-хавф аз ҷониби дигар воҳидҳо ё кормандони Бонк, аз ҷумла кормандони роҳбарикунандаи Бонк оид ба татбиқи талаботи Низоми муқовимат ба коррупсия ё Сиёсати мазкур манъ аст. |
| Департаменти аудити дохилӣ | 5.1 Департаменти аудити дохилӣ дар доираи расмиёти стандартии худ давра ба давра самаранокии Низоми муқовимат ба коррупсияро, аз ҷумла риояи талаботи Сиесати мазкур ва ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии Бонкро, арзёбӣ мекунад.<br>5.2 Арзёбии ҳамаҷонибаи Низоми муқовимат ба коррупсия аз ҷониби Департаменти аудити дохилӣ ҳадди ақал як маротиба дар се сол гузаронида мешавад. |

## 12. Масъулият

12.1 Ҳамаи кормандони Бонк, новобаста аз вазифае, ки ишғол мекунанд, барои риояи принсипҳо ва талаботи Низоми муқовимат ба коррупсия шахсан ҷавобгаранд, инчунин барои амалҳо (ё беамалӣ)-и шахсони зери назарашон, ки ин принсипҳо ва талаботро нақз мекунанд.

12.2. Нақзи талаботи Низоми муқовимат ба коррупсия метавонад заминаи татбиқи чораҳои интизомӣ гардад ва боиси ҷавобгарии шаҳрвандӣ, маъмурӣ ё ҷиноӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳури Тоҷикистон мегардад.

## 13. Муқаррароти хотимавӣ

13.1 Масъалаҳое, ки бо Сиёсати мазкур танзим нашудаанд, бояд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва/ё ҲМД-и Бонк ҳал карда шаванд. Дар сурати ошкор гардидани ихтилофҳо байни муқаррароти Сиесати мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меъерҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалият доранд. Дар сурати ихтилоф байни

Сиесати мазкур ва дигар ҳуҷҷатҳои меъерии дохилии Бонк ҳуҷҷате, ки аз ҷониби мақомоти баландтари идоракунии Бонк бо шарти мувофиқати он ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, истифода мешавад. Сиесати мазкур бояд бо қонунгузории амалкунанда ва ҳуҷҷатҳои меъерии дохилии Бонк ислоҳ ва мутобиқ карда шавад.

13.2 Мазмуни Сиёсати мазкур бояд ба ҳар як корманди Бонк ва ташкилотҳои фаръӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии дохилии Бонк расонида шавад.

13.3 Назорати шиносоӣ бо Сиёсати мазкур ба зиммаи роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва филиалҳои Бонк, ҳамчунин роҳбарони ташкилотҳои фаръии Бонк вогузошта мешавад.

13.4 Сиёсати мазкур аз лаҳзаи тасдиқи он эътибор пайдо мекунад. Ҳамаи тағйироту иловаҳо ба Сиёсати мазкур аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк тасдиқ карда мешаванд. Сиесати мазкур бояд дар ҳолати зарурӣ, вале на камтар аз як маротиба дар се сол аз нав дида баромада шавад.

Аз рӯзи дар таҳрири нав (таҳрири 03) мавриди амал қарор гирифтани Сиёсати мазкур, таҳрири 02-и ҳуҷҷат, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон (Пайнавишти №04/2023 аз 06.12.2023) тасдиқ шудааст, беэътибор дониста шавад.